**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (73402, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Баҳром Маҳмуд ба диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст.**

## Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ пешниҳод шудааст, дар доираи Шиносномаи ихтисоси бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика): 1. Таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии афзорҳои мавҷуда дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ; 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 12. Ҷойгиркунӣ ва асосҳои ташкил ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетика; 21. Афзорҳои банақшагирии ҷорӣ ва стратегӣ дар корхонаҳо ва соҳаҳои саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ; 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда мутобиқат мекунад.

## Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ба такмили мунтазами механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда вобаста буда, бахри гузариши саноати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба модели нав, ки барои аз байн бурдани тафриқаи зиёд байни ҳаҷми содирот ва воридоти маҳсулоти хӯроквори, таъмини бештари талаботи аҳолӣ ба маводи хӯрокворӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ, ва роҳандозӣ гардидани технологияҳои муосири истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ мубрамияти таҳқиқоти мавзуи диссертатсиониро асоснок менамояд.

Вобаста ба роҳандозии равандҳои рақамикунонӣ ва инноватсионӣ дар саноат дарефти сарчашмаҳои нави молиякунонии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, ҳамзамон таҳияи механизми муассири таъминоти молиявии онҳо гузаронидани таҳқиқотҳои нави илмиро тақозо менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушди саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани сарчашмаҳои боэътимоди молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳои гуногун, инчунин дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии давлатӣ бахри таъмини истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат роҳи ҳалли худро ба пуррагӣ пайдо накардааст.

Бинобар ин, масъалаҳои таҳияи асосҳои назариявию методологии такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат дорои арзиши илмию назариявӣ ва амалӣ мебошад.

### Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

Навгонии илмии диссертатсия на танҳо дар таҳқиқот ва коркарди самтҳои асосии назариявӣ ва методӣ оид ба такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир мебошад, балки муаллиф истифода аз сабку усулҳои хоси таҳқиқотӣ фарзияи нави илмиро асоснок намуда, чораҳои нав ва

намудҳои дастгириҳои давлатии молиявиро дар самти ташкили шароити молиякунонии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ роҳандозӣ карда, хусусиятҳои истифодаи механизми молиявии қарзӣ, субсидикунонӣ ва дигар дастгириҳо ташаббусу ҳавасмандиҳои молиявии давлатиро муайян ва асоснок намуда, методикаи нави ҳисоби самаранокии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворii мамлакатро бо мақсади таҳияи модели иқтисодӣ-риёзии такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии саноати хӯрокворӣ пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои нисбатан муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин тавсиф гардидааст:

- дар заминаи пайдоиши таърихию илмӣ механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ақидаҳои назариявӣ ва баҳсҳои илмии нотамоми намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, моҳияти асосии он дар «воридот» ва «ивазкунӣ» асоснок карда шуда, дар асоси мафҳумҳои «саноатикунонӣ» ва «воридотивазкунӣ» фарзияи нави илмӣ ҳамчун бунёдкунандаи назарияи муосири механизми молиявӣ таҳия гардидааст;
- вобаста ба номувозинатии ҳаҷми содирот нисбат ба воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар мамлакат муайян карда шудааст, ки механизми таъмини молиявии саноати хӯрокворӣ аз воситаҳои пулии буҷети давлатӣ ва фондҳои асосии корхонаҳо сарчашма гирифта, мувофиқи тавсифи истифодабариашон гурӯҳбандӣ гардида, ошкор карда шудааст, ки ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворii мамлакат бештар истифода бурда мешаванд;
- раванди устуворгардонии механизми таъмини молиявӣ ва омилҳои асосии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии воридотивазкунӣ муайян карда шуда, асоснок карда шудааст, ки чораҳои нави дастгириҳои давлатии молиявӣ дар самти ташкили шароити молиякунонии бизнес (бахши хусусӣ) барои стратегияи рушди молиявии соҳа ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда заминаи муҳим мегузорад;
- вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон бо назардошти ҷараёни татбиқшавии механизмҳои таъмини молиявӣ дар асоси истифодаи механизми молиявии гуногунаҳамият дар сохтори соҳавии саноати мамлакат муайян карда шуда, хусусиятҳои истифодаи механизми молиявии қарзӣ, субсидикунонӣ ва дигар дастгирӣ, ташаббусу ҳавасмандиҳои молиявии давлатӣ муайян ва асоснок карда шуда, сатҳи зарурии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати мамлакат ошкор карда шудааст;

- равандҳои татбиқи механизми таъмини молиявӣ дар истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ таҳлил гардида, бинобар сабабҳои дигаргуншавии унсурҳои бозорӣ, бахусус, эълон гардидани таҳримҳо ва эмбарго ба маҳсулот ё ашёи хоми саноати хӯрокворӣ дар бозори ҷаҳонӣ, коҳишёбии ҳаҷми захираҳои асъори хориҷӣ, инчунин маҳдудияти рақибон дар бозор, зарурияти таъмини истеҳсолоти воридотивазкунӣ тавассути таҳлили қиёсии ҳаҷми истеҳсолу истеъмол, ҳиссаи маҳсулоти хӯроквории воридшаванда, ҳаҷми сармоягузориҳо ва муайянсозии тавозуни воридоту содиротии маҳсулоту ашёи хоми саноати хӯроквории ҷумҳурӣ фаъолгардонии тамоюлҳои мусбии воридотивазкунии маҳсулоти соҳа муайян карда шудааст;

- методикаи ҳисоби самаранокии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат асоснок ва пешниҳод гардида, бо воситаи модели иқтисодӣ-риёзии таҳиягардида алоқамандӣ ва вобастагии омилҳои асосии такмилдиҳии механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ошкор гардидааст. Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқотояндабинӣ карда шудааст, ки мувофиқи сенарияи пешниҳодгардида, то соли 2030 ҳаҷми содироти маҳсулоти хӯрокворӣ то 29, 4% ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ бошад то 63,2% зиёд мегардад. Вобаста ба ин, равиши стратегии такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ҷиҳати интихоби модели мувофиқ барои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии Тоҷикистон таҳия ва асоснок карда шудааст.

## Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Дар **муқаддима** аҳамият ва дараҷаи таҳияи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, тасдиқи натиҷаҳои кор, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

**Дар боби якум - «Ҷанбаҳои назариявии механизми молиявӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда дар шароити муосир»** заминаҳои пайдоиш ва аҳамияти истеҳсолоти воридотивазкунанда, манбаъҳо ва механизми молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир, инчунин нақши дастгирии молиявии давлатӣ дар татбиқи сиёсати воридотивазкунии саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст.

Дар диссертатсия маълум карда шудааст, ки ҷузъиёти илмию назариявии пайдоиши «воридотивазкунӣ» дар соҳаи саноат, бахусус саноати хӯроквор̄ӣ, қисми таркибӣ ва ҳамзамон таъминкунандаи мунтазами рушди иқтисоди мамлакат мебошад. Аниқтараш, соҳаи саноат, ки ҳамчун соҳаи калидӣ ва таъминкунандаи заминаҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти мамлакат мебошад, пас дар ҳошияи саноатикунонии мамлакат, масъалаҳои «воридотивазкунӣ» ва рушди муътадили иқтисодӣ аз ҳамдигар ҷудонопазир мебошанд. (саҳ.19-21.)

Паҳлӯҳои мухталифи назариявии механизми молиявӣ ва воридотивазкунӣ, вобаста ба ақидаҳои гуногунаҳамияти намояндагони мактабҳои ватаниву хориҷии иқтисодӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода шуда, фарзияҳои заминавии онҳо ошкор гардида, давраҳои пайдоиш ва таҳаввулоти назарияи илмии воридотивазкуниро дар рушди саноатӣ ба низом даровардааст.

Дар ҳошия васеъ будани мафҳумҳои механизми молиявӣ ва воридотивазкунанда, мафҳуми мушаххаси муаллиф пешниҳод гардида, дарки дуруст ва маънии илмии тонҳо тафсилот гардидааст, ки барои дар оянда васеъ ва дақиқ намудани таҳқиқоти масъалаҳои ташкилу ташаккули механизмҳои таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар саноати хӯроквор̄ӣ заминаҳои калидӣ гузоштааст. Дар асоси ин, ба муаллиф Қурбонзода А.А. муяссар гардидааст, ки муҳимият ва ҳалли саривақтии механизмҳои таъминоти молиявиро дар заминаҳои илмиву назариявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мушкилоти аввалиндараҷаи таъминоти рушди стратегии мамлакат тавсиф намуда, равишҳои муассири илмиву таҳқиқотӣ, ташкилӣ – институтсионалӣ, инчунин методологияи комплексии таҳия ва татбиқи механизмҳои таъминоти молиявии саноати хӯроквориро пешниҳод намояд. (С. 31-35).

Ҷолибияти сабки таҳқиқотӣ ва методии муаллифро ҳангоми ба тартиб ва низоми муайян ҷудо намудани ҳамаи механизмҳои таъминоти молиявии корхонаҳои саноати хӯроквор̄ӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, ӯ дуруст қайд намудааст, ки имрӯзҳо дар фаъолияти молиявии корхонаҳои саноати хӯроквор̄ӣ шакл ва намудҳои зиёди сарчашмаҳои молиявӣ вуҷуд дорад, ки барои ошкор намудан сарчашмаҳои муфиде, ки ҳамчун механизми молиявии фаъолияти корхонаҳои саноати хӯроквор̄ӣ истифода мегарданд, бояд аз рӯйи хусусият, таъинот ва сатҳи истифодабарӣ гурӯҳбандӣ карда шавад. (С.39-42).

Дар шароити муосир, алоқамандӣ ва ҳамкориҳои тарафайни корхонаҳои саноати хӯроквор̄ӣ бо ниҳодҳои молиявӣ ҳамчун сарчашма ва

механизми муфиди таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда маҳсуб ёфта, дар қатори механизмҳои молиявӣ, ҳавасмандгардонӣ ва дастгириҳои гуногунаҳамияти давлатӣ дар рушди корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат нақши калидӣ доранд. Бинобар ин, муаллиф Қурбонзода А.А. ба ҳамин масъалаҳои баҳсталаб ва аҳамияти калидидоштаи рушди корхонаҳои саноати хуроквории мамлакат таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуда, ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаи мазкур таҳқиқоти амиқ кардааст.

Дуруст қайд намудааст, ки фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ, бахусус ташкилотҳои қарзӣ дар якҷоягӣ бо мақомотҳои давлатӣ барои пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии сода ва дастраси бонкӣ дар таҳияи механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ бояд мавқеи муҳим дошта бошанд. Чунки новобаста аз таҷрибаи ҷаҳонӣ, механизми молиявии қарзӣ на танҳо кафолати рушди истеҳсоливу инноватсионӣ ва рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокввориро таъмин карда метавонанд, балки ҳамин гуна ниҳодҳои қарзӣ метавонанд фаъолияти худро дар бозори молиявии дохилӣ васеъ гардонида, ба таври ғайримустақим дар раванди таъмини истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда фаъолона иштирок намоянд. (С. 54-59).

Қобили қайд аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмии аз тарафи муаллиф ба даст овардашуда, собит менамоянд, ки воқеан таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ ва фарзияҳои илмии механизмҳои таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар такмилдиҳии паҳлӯҳои институтсионалӣ, таҳияи барномаҳои соҳавӣ, бахусус консепсияҳои муосири рушди саноати хӯрокворӣи мамлакат ҷиҳати ғановати бозори хӯрокворӣи ватанӣ, инчунин беҳтаргардонии равандҳои истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти саноати мазкур заминаҳои калидӣ мегузоранд.

Ҳангоми мутолиа ва тақризнависӣ мушоҳида гардид, ки муаллиф ҷанбаҳои назариявии механизми молиявӣ ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокввориро бо сабку методҳои муассири таҳқиқотӣ ошкору тавсиф намуда, ақидаҳои назариявӣ ва алоқамандии фарзияҳои илмиро муқоиса ва паҳлӯҳои мухолиф ва ҷонибдоришавандаи онҳоро дуруст баён намуда, мавқеи илмивю ақидаи назариявӣ ва равиши методии худро дар таҳқиқоти минбаъдаи мавзуи таҳқиқотшаванда муайян намудааст. Ҳамзамон, дар фарҷоми боби мазкур як қатор хулосаҳои худро мушаххасан ифшо намуда, аҳамияти илмӣ ва назариявии таҳқиқоти масъалаҳои механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокввориро ошкор намудааст.

**Дар боби дувум - «Таҳлили инкишофи истеҳсолоти воридотивазкунанда ва механизми таъминоти молиявӣ дар саноати хӯроквории Тоҷикистон»** вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор намуда, тавасути методҳои маъмули таҳқиқоти илмӣ равандҳои татбиқи механизми молиявиро дар таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ таҳлил намуда, иқтидори захиравии саноати хӯроквориро дар заминаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда арзёбии иқтисодӣ намудааст.

Саноати хӯрокворӣи Тоҷикистон ҷузъи таркибии иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, ҳамзамон аҳамияти сохторбунёдкунанда ва ҳамоҳангкунандаи хоҷагии халқи мамлакат мебошад. Дар ин росто, муаллиф дуруст қайд намудааст, ки саноати хӯрокворӣ дорои иқтидори бузурги истеҳсолӣ буда, на танҳо татбиқкунандаи сиёсати бехатарии озуқаворӣи мамлакат, инчунин таъминкунандаи ашёи хоми дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Дар асоси ин паҳлӯи таҳқиқот, ӯ сохтори соҳавии саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои алоқаманди онро ба таври алоқамандии мантиқӣ тахия намуда, асоснок намудааст, ки бо назардошти таҷдиди технологии истеҳсолоти маҳсулоти хӯрокворӣ ва азхудкунии таҷрибаи корхонаҳои хӯрокворӣи ҷаҳонӣ, соҳаи саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти хӯрокворӣи ба талаботҳои сифатии бозорҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯбударо истеҳсол намуда, раванди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи худро ҷоннок намуда истодааст. (С.72-76).

Бо мақсади тавсеаи зербоби мазкур, барои муайянсозии тасвири дурусти вазъи имрӯза ва нишон додани дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва тақсимоти онро ба сари ҳар як нафар аҳолии мамлакат таҳлил карда шудааст. Вобаста ба мақсади муайянсозии вазъи имрӯзаи саноати хӯрокворӣи мамлакат, муаллиф муайян намудааст, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат дар солҳои таҳлилӣ, маҷмуан тамоюлҳои мусбат доранд, ки дар маҷмуъ аз вазъи мусоиди таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, дар истеҳсоли маҳсулоти гӯшти аз 47212 т. дар соли 2017 то ба 72772 т. дар соли 2023 расонида шудааст, ки дар маҷмуъ дар давраи таҳлили 54,1% афзоиши истеҳсолиро нишон медиҳад. (С. 80-85).

Мусаллам аст, ки вобаста ба татбиқшавии механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати

хӯрокврии мамлакат, инчунин барои таҳлили иқтисодӣ ва арзёбии иқтисодии рушди саноати хӯрокврии мамлакат муайянсозии тасаввуроти воқеии вазъи ҳозира аҳамияти мантиқии илмӣ дорад. Вобаста ба ин, муаллиф дар асоси натиҷаи таҳлилҳо вазъи имрӯзаи рушди корхонаҳои саноати хӯрокврии мамлакатро ҳамчун тамоюлҳои рушди аз омилҳои беруна вобастагӣ дошта тасвир намудааст.

Дар шароити муосир вобаста ба чолишҳои иқтисодӣ ва молиявии сатҳи ҷатҳи ҷаҳонӣ, равандҳои ҳамгироии корхонаҳои саноатӣ мураккаб гардида истодааст. Ҳамаи давлатҳои дунё барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноати хӯрокврии худ механизмҳои таъмини молиявии чандирро бо мақсади тобоварии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба омилҳои гуногунаҳамият таҳия ва мунтазам ташаккул дода истодаанд. Албатта, пайомади чунин падида раванди татбиқи самараноки механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокврии Тоҷикистонро коста гардонида, барои рушди босуръати он монеаҳои гайричашмдошт эҷод намуда истодааст. Вобаста ба чунин вазъият, муаллиф бо шуурона қайд намудааст, ки барои такмилидиҳии муваффақи механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир, дар мадди аввал бояд омилҳо-нишондиҳандаҳои чандирии талабот ба ашёи хому маснуоти тайёр, шароитҳои гуногуни истеҳолоти маҳсулотҳои аввалиндараҷаву дуюминдараҷа, инчунин вазъи гуногуни геосиёсиву геоиқтисодии истеҳсолкунандагони ашё ва маҳсулоти тайёр бояд ба эътибор гирифта шавад. (С.88-90). Инчунин асоснок намудааст, ки барои ҳар як маҳсулоти корхонаи саноати хӯрокврии ба воридотивазкунанда сафарбаршуда, бояд механизми молиявии муносибу мувофиқ таҳия карда шавад. Зеро ҳангоми дар шакли барномавӣ омода намудани раванди воридотивазкунии маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, таҳия ва татбиқи механизми молиявии онҳо дар шакли умумӣ ба эътибор гирифта мешавад, ки ниҳоят ҳангоми таъсиррасониҳои омилҳои гуногун аҳамият, самаранокии онҳо ғайри имконпазир мегарданд. (С.91-96).

Дар раванди таҳлили вазъи ҳозираи рушди саноати хӯрокврии мамлакат, муаллиф собит намудааст, ки нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нисбат ба шумораи аҳолии мамлакат тамоюлҳои қаноатмандкунанда надоранд, ки зарурати мукаммалгардонии механизми молиявии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокврии мамлакатро тақозо мекунад. Аз ҷумла, дар солҳои 2017-2023 истеҳсоли маҳсулотҳои гӯшт, ҳасиб, ширу маҳсулоти ширӣ, инчунин панири равғанӣ ба сари ҳар як нафар аҳолӣ мутаносибан ба 33,8%, 14,6% ва 98% зиёд гардидааст, ки

афзоиши табиии аҳолӣ дар ин давра баробари 1,9-2,4 % дар як солро ташкил намуда буд. Дар қатори маҳсулотҳои саноати хӯрокворӣ маводи қаннодӣ, маҳсулоти макаронӣ, равгани растанӣ ва меваи хушк низ тамоюлҳои зиёдшавӣ мушоҳида мегардид. (С.95-98). Ҳамзамон, барои дақиқият ва қиёс намудани нишондиҳандаҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворunion ватанӣ бо механизми молиявии-сармоягузорӣ ба саноати хӯрокворӣ, таҳлил намудааст, ки дар солҳои таҳлилӣ аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими ба иқтисодиёти мамлакат равона гардида, ҳамагӣ 78249,16 ҳаз. долл. ИМА ба рушди саноати хӯрокворӣ рост меояд, ки ин ҳамагӣ 2,8% ҳаҷми умумии сармоягузориҳоро ташкил медиҳад. Муаллиф, дар таҳлилҳои худ нишон медиҳанд, ки дар ҳолати 2,8% ташкил намудани ҳаҷми сармоягузориҳо ба рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ барои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи мамлакат қаноатмандкунанда нест. (С.99-101).

Дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси нокифоягии захираҳои молиявӣ ва иқтидори ками молиявии истеҳолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, таъсири омилҳои гуногунаҳамияти сатҳи дохиливу беруна раванди такмилдиҳии механизми молиявии таъмини воридотивазкунии корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат нисбатан мураккаб мегардад. Дар заминаи ин, ҷиҳати арзёбии миқдори истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ вобаста ба захираҳои молиявӣ, иқтидори истеҳсолӣ, инчунин сатҳи алоқамандиву таъсиррасонии омилҳои асосии макроиқтисодӣ, муаллиф методикаи ҳисоби самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворииро таҳия ва асоснок намудааст. (С.111-114).

Ҷолиби таваҷҷӯҳи илмӣ гардидааст, ки дар таҳқиқотҳои илмӣ, муаллиф методикаи наву алоҳидаи худро ҷиҳати муайянсозии уфуқҳои нави таҳқиқоти масъала ва муайянсозии роҳу равишҳои татбиқи самараноки механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таҳия ва пешниҳод менамояд. Бахусус, дар ҳошияи методикаи асоснок кардашуда, муаллиф афзалиятҳои раванди воридотивазкунии маҳсулоти саноати хӯрокворииро вобаста ба ҳаҷми истеҳсол ва тақсимоти ҳаҷми маҳсулоти хӯрокворӣ ба сари ҳар як нафар аҳолӣ, талаботи умумии аҳолӣ ба маҳсулотҳои хӯрокворие, ки миқдори зиёди онҳо аз бозори беруна ворид карда мешаванд ва дар алоқамандӣ бо нишондиҳандаи сатҳи миёнаи афзалияти қиёсӣ ошкор намудааст. (С.116).

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил, муқоиса ва моделсозии такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи

корхонаҳои саноати хӯроквориро, муаллиф нишон дода, зарурати таҳия ва татбиқи консепсияи алоҳидаи фаъолгардонии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат, бо назардошти ҷустуҷӯ ва пайдо намудани сарчашмаҳои нави молиякунониро исбот намудааст. (С.124).

Дар қисмати ниҳоии боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ, хулосаҳои муаллиф мушаххасан таҳия гардида, алоқамандии мантиқӣ ва тавсеаи дурусти масъалагузорӣ, инчунин тавассути методҳои таҳлилӣ-муқоисавӣ натиҷагирии кори таҳқиқотии ӯро шаҳодат медиҳад.

**Дар боби сеюм - «Самтҳои афзалиятноки такмили механизми молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ»** такмили механизми молиявии дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ва равишҳои стратегии такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ҳамчун самти афзалиятноки соҳа мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Густариши муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ, шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмону ташкилотҳои сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ ҷиҳати васеъгардонии имкониятҳои рақобатпазирӣ ва роҳёбию мавқеъгирӣ дар бозорҳои ҷаҳонии ашё, технология ва маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ҳамасола шиддат гирифта истодааст, ки бешубҳа такмили саривақтӣ ва таҳияву татбиқи равишҳои стратегии механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакатро тақозо менамояд.

Муаллиф, бомаврид қайд намудааст, ки то имрӯз Ҳукумати мамлакат паҳлӯҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии тағйирдиҳии маҷрои асосии рушди корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакатро дар ҳошияи меъёрҳо ва талаботҳои СУС таъмин намуда истодааст. Аммо омилҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодие, ки ғайричашмдошт пайдо мегарданду низоми муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ, аз ҷумла самаранокии амалишавии механизми таъмини молиявии дастгирӣ ва ҳавасмандиҳои давлатии рушди корхонаҳои саноати хӯрокворию вайрон менамоянд, инчунин татбиқи ҳадафҳои муайян кардашудаи давлатиро монеагӣ намуда, баръакс сатҳи вобастагии Тоҷикистонро аз ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои хӯроквории давлатҳои хориҷӣ бештар гардонида истодааст. (С.129-131).

Вобаста ба самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти саноати хӯроквории мамлакат, ҳангоме ки иштирокчиёни қудратманди бозори хӯроквории ҷаҳонӣ дар асоси манфиатҳои иқтисодии худ, равишҳои муносибатҳои геоиқтисодии худро мунтазам тағйир дода истодаанд, барои саноати хӯроквории Ҷумҳурии

Тоҷикистон, дар заминаи робитаҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, ҷустуҷӯй ва роҳандозии самтҳои афзалиятноки аҳамияти стратегияи рушди саноти хӯрокворидошта ниҳояд мубрам мегардад.

Муаллиф бомаврид қайд ва пешниҳод намудааст, ки барои такмили механизми таъминоти молиявии санотаи хӯроквории Тоҷикистон, вобаста ба омилҳои ошкор гардида, сатҳи алоқамандӣ ва таъсиррасониҳои онҳо, иқтидорҳои истеҳсолӣ ва захираҳои молиявӣ дар сатҳи микро ва макроиқтисодӣ, ба монанди механизми молиявии дастгирӣ ва ҳавасмандии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат мувофиқи мақсад мебошад. (С.132-136).

Дар шароити муосири густаришёбии моделҳои нави ҳамгироии иқтисодӣ, ғайричашмдошт тағйир ёфтани вазъи бозорҳои молиявӣ, ашёвӣ ва озуқаворӣ, афзоиши нархҳои истеъмолӣ, дигаргун гардидани муносибатҳои бозорӣ, шадид гардидани рақобати истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ, такмили механизми молиявӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ нисбатан зиёд мегардад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворнии мамлакат, аз ҳисоби буҷети давлатӣ, инчунин дастгирӣ ва ҳавасмандиву ташаббусҳои давлатии пешбарандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, равандҳои ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ ва беҳтаргардонии фаъолияти соҳибкориро дар саноати хӯрокворӣ тақвиятбахшӣ намуда истодааст. Дар ҳошияи ин масъала, муаллиф дар рисолаи диссертатсионии худ, бо мақсади таҳия ва истифодаи стратегияи такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворнии мамлакат, коҳишдиҳии сатҳи вобастагии технологии истеҳсолоти ватаниро ҳамчун самти муҳим дониста, паҳлӯҳои татбиқи онро хуб асоснок намудааст. (С.154).

Дар раванди таҳқиқоти худ, муаллифи рисолаи диссертатсионӣ бо истифода аз донишу маҳорат, инчунин сабки гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, се варианти равиши стратегии такмили механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии саноати хӯрокворнро барои корхонаҳои саноати хӯрокворнии мамлакат муносиб донистааст: стратегияи воридотивазкунии ба бозори дохила нигаронидашуда, стратегияи воридотивазкунии ба содирот нигаронидашуда ва стратегияи воридотивазкунандаи омехта. (С.154). Ҳамзамон, дар асоси ақидаҳои илман асоснок гардида, муаллиф нақшаи стратегияи такмили механизми молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворнии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир намуда, асоснок намудааст, ки

воридотивазкунии маҳсулоти саноати хӯроквории мамлакат на танҳо вақти муайяну захираҳои молиявӣ, балки таъминоти кадрӣ, иштироки ҳатмии корхонаҳои саноатӣ дар татбиқи барномаҳои воридотивазкунӣ, татбиқи инноватсияҳо ва мутобиқшавии соҳаи саноати хӯрокворӣ ва ба муҳиту тағйиротҳои ба амал меомадаи муҳити берунаро тақозо менамояд. (С.160-164).

Дар қисмати ниҳоии диссертатсия муаллифи диссертатсия бо тартиби пайдарҳамии мантиқӣ вобаста ба масъалаҳои гузошташуда, хулосабарорӣ намуда, як қатор ақидаҳои илман асоснокардашуда ва тасвияҳои методии худро ҷиҳати такмили механизми таъминоти молиявии корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат пешниҳод намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Ақидаҳои назариявии дар рисолаи диссертатсионӣ дарҷ гардида, метавонанд дар ҷустуҷӯйи механизм наву муассири таъминоти молиявӣ, инчунин такмили мунтазами онҳо дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои санотаи хӯроквории мамлакат саҳми арзанда дошта бошанд. Бахусус, асоснок намудани зарурияти таҳияи стратегияи такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии саноати хӯрокворӣ, аз ҷумла тавассути ҷоннок намудани фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ), ҷиҳати шадидгардонии равандҳои ҷалби сармоягузориҳо, мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, пешниҳоди иловагии имтиёзҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ва маъмурию молиявӣ-қарзӣ, роҳандозии равишҳои стратегии рушди саноати хӯрокворӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорикунандаи ватаниву хориҷӣ, метавонанд ба татбиқшавии ҳадафҳои олии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикстон барои давраи то соли 2030 мусоидат намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқотро дурустӣ ва саҳеҳии маводҳои истифодашуда, натиҷаҳои таҳлилӣ ва қиёсӣ, маълумотҳои расмии мақомотҳои давлатӣ ва мақолаҳои илмии нашр кардашуда собит менамоянд.

Хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар шакли пайдарҳамии мантиқӣ дар фарзияи илмии таҳия гардида, натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ таҳия карда шудааст. Аз ҷумла, муаллиф дар банди чоруми хулосаи диссертатсионӣ, хулосабарорӣ намудааст, ки дар шароити муосири густариши бомароми муносибатҳои иқтисодӣ, тағйирёбии ғайричашмдошти вазъи бозорҳои ашёи хом ва дастгоҳу таҷҳизоти технологии саноати хӯрокворӣ, дар доираи сиёсати воридотивазкунандаи иқтисодиёт, ҳамон намуд

дастгириҳои молиявии саноати хӯрокворӣ натиҷаҳои мусбӣ меорад, ки ба механизмҳои молиявии дохилиташкилотӣ диққат дода, нишондиҳандаҳои таъминкунандаи рақобатпазирии маҳсулоти озуқавориро дар бозорҳои дохилӣ таъмин карда метавонанд. Гузашта аз ин, барои беҳтаргардонии сатҳи фондмусаллаҳӣ, фондбоздеҳӣ, таъмини бартариятҳои рақобатпазирии истеҳсолоти корхонаҳо равона карда зарур аст. Зеро дар пурра қатъ намудани ҳаҷми воридоти молу маҳсулоти хӯрокворӣ ба бозорҳои дохилӣ пайомадҳои манфии худро дорад. Ҳамзамон, вобаста ба ин, тавсия намудааст, ки ҷиҳати таъмини самаранокии механизми молиявӣ дар ҳар як сикли истеҳсолӣ, бо назардошти бештар намудани ҳиссаи маҳсулот барои коркард нисбат ба маҳсулоти тайёри содиршаванда афзалтар мебошад. Барои ҳамин тавсия мешавад, ки барои ҳар як маҳсулоти корхонаи саноати хӯроквории ба воридотивазкунанда сафарбаршуда, бояд механизми таъмини молиявии муносибу мувофиқ таҳия карда шавад.

**Сарчашмаи маълумотии таҳқиқотро** маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашриёти даврии соҳавӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳои илмӣ, асарҳои илмии нашршудаи муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин маълумотҳои дақиқ ва дастраси сомонаҳои интернетӣ ба таври зарурӣ истифода шудаанд. Мутолиаи дақиқ ва шиносоӣ бо муҳтавои рисолаи диссертатсионӣ собит менамояд, ки муаллиф барои иҷрои вазифаҳои дар назди худ гузошта ва ноил гардидан ба мақсадҳои кори таҳқиқотии худ маводҳои зиёди илмию таҳқиқотӣ, қиёсӣ ва мушоҳидавиро ҷамоварӣ ва коркард намудааст.

### Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

**Аҳамияти илмӣ** натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар омӯзиши фаррох ва васеъгардонии ҷанбаҳои таҳқиқи илмию назариявии механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии саноати хӯроквории мамлакат зоҳир гардидааст. Аз ҷумла, таҳия, маънидод ва асоснок намудани мафҳумҳои нави «воридотивазкунӣ» ва «механизмҳои молиявӣ», ки аз тарафи муаллиф ба таври мустақим пешниҳод гардидааст, гановати илмии кори таҳқиқотиро зиёд гардонидааст. Бахусус, эҷоди фарзияи илмӣ, ақидаҳои нави назариявӣ ва равиши методии муаллиф, метавонанд дар тақвиятбахшии ҷузъиёти микроиқтисодии саноати

хӯрокворӣ, таҳқиқи паҳлӯҳои алоҳидаи мавзуъ, ҷустуҷӯи механизми муассири таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат заминаҳои боэътимод гузорад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои ба дастовардашудаи рисолаи диссертатсиониро дар фаъолияти амалии мақомотҳои давлатие, ки ба молиякунонӣ, инчунин таҳияву пешниҳоди дастгириҳои молиявии ба рушди саноати хӯроквории ҷумҳурӣ равона карда шудаанд истифода намудан мумкин аст. Маводҳои таҳқиқ, методикаи муайянсозии самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, муайянсозии коррелятсияи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашударо мақомотҳои идоракунандаи давлатӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо мавриди истифода қарор дода шаванд, инчунин натиҷаҳои таҳлили қиёсӣ ва моделсозии иқтисодӣ-риёзиро корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва дигар соҳаҳои ҳамҷавори саноати хӯрокворӣи мамлакат, ҷиҳати рушди стратегии худ истифода намоянд.

**Аҳамияти иқтисодии рисолаи диссертатсионии** Қурбонзода А.А. дар татбиқи самараноки механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити дигаргуншавии маҷрои истеҳсолоти саноатӣ, рушди корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат тавассути мунтазам такмил додани механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти худ, рақобатпазир гардонидани истеҳсоли маҳсулот ва ба ҳамин васила таъмин намудани бозори маҳсулоти хӯроквории ватанӣ ва устуворгардонии мавқеи худ дар бозорҳои ҷаҳонӣ зоҳир мегардад.

**Аҳамияти иҷтимоии** натиҷаҳои рисолаи диссертатсиониро дар роҳандозии раванди таълим дар макотиби олӣ ва тадриси фанҳои тахассусӣ аз фанҳои «Микроиқтисодиёт», «Ташкили истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ» ва «Иқтисодиёти соҳаи саноат» асос меёбад. Инчунин натиҷаҳои амалии рисолаи диссертатсиониро дар фаъолияти корхонаҳои саноати хӯроквории мамлакат ҷиҳати таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, ганигардонии бозори ватанӣ бо маҳслоти хушсифати хӯрокворӣ бо нархҳои дастрас, баландбардории сатҳи иҷтимоии аҳолӣ, ҳамзамон мусоидат намудан ба татбиқшавии ҳадафҳои олии мамлакат мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Натиҷаҳои диссертатсия дар 10 мақолаҳои илмӣ, инчунин 4 адад мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки руйхати онҳо аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд, нашр

шудаанд. Хулоса кардан мумкин, ки талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт пурра иҷро гардидааст.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертасия ба талаботҳои Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Рисолаи диссертатсионӣ бо муқаррарот ва бандҳои меъёрии дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дар самти омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ «Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267» тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва феҳристи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ, ки бо бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст мутобиқ ва ҷавобгӯй аст.

**Эродҳо оид ба тадқиқоти диссертатсионӣ**

Дар баробари паҳлӯҳои муфид ва аҳамиятнок, дар рисолаи диссертатсионӣ, инчунин камбудиҳо, хатогиҳо ва саҳлкориҳо низ мушоҳида карда мешавад, ки бо тартиби зерин нишон додан мумкин аст:

1. Мубрамияти таҳқиқи диссертатсияи тақризшаванда аз тарафи муаллиф ба пуррагӣ дарҷ нашудаат. Яке аз сабаҳои он, дар инъикос наёфтани робитаи таҳқиқот бо барномаҳои сатҳи миллӣ, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки таҳия ва татбиқи модели нави рушди устувори инноватсионии иқтисодиёти миллиро тақозо менамояд, зоҳир мегардад. Инчунин, нишондиҳандаҳои дурнамои ин барномаҳои сатҳи миллӣ дар бахши рушди саноати коркард ҳамчун дурнамо ва ноил нагардидан ба онҳо замина барои таҳияи тавсияҳо бояд баромад мекард.

2. Дар навгонии 2 диссертатсия қайд шудааст, ки “механизми таъмини молиявии саноати хӯрокворӣ аз воситаҳои пулии буҷети давлатӣ ва фондҳои асосии корхонаҳо сарчашма гирифта” аст (с.11 ), ки доираи таҳқиқи онро маҳдуд сохта, истифодаи сарчашмаҳои иловагиро, ба монанди бозори молиявии ватанӣ ва ҳориҷаро, аз назари таҳқиқ дур месозанд. Ҳоло он, ки дар матни диссертатсия мафҳуми он фарқ мекунад.

(с.48) Бояд қайд кард, ки дар замони муосир на танҳо “истифодаи самараноки захираҳои молиявии саноати хӯрокворӣ”, балки инчунин имкониятҳои бозори молиявӣ, инчунин зербахшҳои он ба монанди бонкдорӣ, гардиши қоғазҳои кимматнок, суғурта, бозори асъори ҳориҷӣ ҳамчун ҷузъҳои асосии механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир баромад мекунанд. Яке аз сабабҳои ин раванд дар заифии асосҳои назариявии таҳқиқот, ки муаллиф бештар ба таҳлили мафҳумҳои «саноатикунонӣ» ва «воридотивазкунӣ» назар карда, ба мафҳуми “механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда” аҳамияти хоса надодааст.

3. Дар боби 2 аз тарафи муаллиф мавқеи саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди фарогирии зиёда аз 20 соҳаи истеҳсолӣ ва ғайристеҳсолӣ, дар сохтори маҷмуи маҳсулоти саноат зиёда аз 7089 млн. сомонӣ ё баробари 22,9% маҳсулотро истеҳсол менамояд, махдуд гардидааст. Ҳоло он, ки барои баланд бардоштани сифати диссертатсия бояд инчунин динамикаи рушди соҳа дар давоми солҳои 2015-2022 бо истифодаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, инчунин ҳаҷм ва ҳиссаи саноати хурокворӣ дар ММД ҶТ, тамоюлҳои рушди он дар сатҳи зерсоҳаҳо, дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти саноати хуроквории ватанӣ ва ҳориҷӣ, таъсири рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ ба тавозуни пардохтӣ ва афзудани тавофути байни содирот ва воридоти маҳсулоти саноатӣ иловатан инъикос мегашт, сифати рисола баландтар мешуд.

4. Дар Боби 3 ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки такмили механизми молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ба роҳандозии равандҳои рақамикунонӣ ва ҷори намудани инноватсияҳо дар корҳонаҳои саноати хурокворӣ ва дарёфти сарчашмаҳои нави молиякунонии ин равандҳо, роҳҳои таъмини дасрасӣ ба кумакҳои молиявии давлатӣ барои корҳонаҳои саноатӣ, алалхусус ба корхонаҳои хурду миёна, ки дар тамоми манотиқи мамлакат фаъолият мебаранд, ба таври зарури аҳамият дода нашудаст.

5. Аз тарафи муаллиф дар хотимаи ҳамаи зербобу бобҳои диссертатсия маҷмуи хулосаҳо пешниҳод гардидаанд, ки мусбӣ арзёбӣ мегардад, ҳоло он, ки баъзе аз онҳо аз мухтавои матни асосӣ бар намеоянд.

6. Дар диссертатсия баъзи ғалатҳои мантиқӣ, инчунин риоя нашудани пайдарҳамии матниқӣ, камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешавад.

Норасогиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ дошта ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оиди диссертатсия**

Рисолаи диссертатсионии Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи «Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст, кори тахассусии мустақиман анҷомдода шуда буда, дорои ҷолибияти назариявӣ ва амалии дар илму истеҳсолоти ватанӣ татбиқшаванда буда, ба талаботҳои бандҳои 31,32,33 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267», Низомномаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ва феҳристи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ, ки бо бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст пурра ҷавобгуй аст.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии кори таҳқиқотиро пурра инъикос менамояд.

Аз ин лиҳоз, муаллифи он Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Муқаризи расмӣ,**
**Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Шарифзода Б.М.**

Имзои д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М.-ро тасдиқ менамоям

**Нозири кадрҳои**
**Институти ИИД АМИТ** **Зиёева М.С.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, х. Айнӣ, 44. Тел: (992 37) 221-67-50, факс (992 37) 221- 57-65, E-mail: eco_institute@rambler.ru

*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015*
*назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон*
*ба номи академик М.С. Осимӣ*
*(73402, ш. Душанбе, хиёбони академикҳо*
*Раҷабовҳо, 10а, www.ttu.tj)*

## Тақризи муқарризи расмӣ

**Ба рисолаи диссертатсионии Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи "Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика)**

### 1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ, бахусус навгониҳои илмӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқат мекунад: 1. Таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии афзорҳои мавҷуда дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ; 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 12. Ҷойгиркунӣ ва асосҳои ташкил ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетика; 21. Афзорҳои банақшагирии ҷорӣ ва стратегӣ дар корхонаҳо ва соҳаҳои саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ; 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда.

### 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ноустувории иқтисодӣ, бисёр кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯшиш мекунанд, ки вобастагии худро аз воридот коҳиш диҳанд. Ивазкунии воридот дар саноати хӯрокворӣ метавонад ба таҳкими истиқлолияти иқтисодӣ ва амнияти кишвар мусоидат кунад. Дастгирӣ ва рушди истеҳсолкунандагони маҳаллӣ дар саноати хӯрокворӣ метавонад боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади андоз ва беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ гардад. Шароити муосири иқтисодӣ, аз қабили таваррум, тағирёбии қурби асъор ва бӯҳронҳои ҷаҳонӣ, аз корхонаҳо

чандирӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ талаб мекунанд. Таъмини самараноки молиявӣ метавонад омили асосии зинда мондан ва рушди корхонаҳо гардад. Ҷанбаи муҳим нақши давлат дар фароҳам овардани муҳити мусоиди молиявӣ барои истеҳсолоти ивазкунандаи воридот мебошад. Омӯзиши механизмҳои дастгирии давлатӣ, аз қабили субсидияҳо, имтиёзҳои андоз ва қарздиҳӣ барои баланд бардоштани самаранокии ин корхонаҳо муҳим аст. Такмили механизмҳои таъминоти молиявӣ метавонад ба ҷорӣ намудани технологияҳо ва навовариҳои нав дар саноати хӯрокворӣ мусоидат намуда, дар навбати худ рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳаллиро афзоиш диҳад. Ивазкунии воридот дар саноати хӯрокворӣ низ аҳамияти иҷтимоӣ дорад, зеро он метавонад ба беҳтар шудани сифати ғизо ва таъмини амнияти озуқаворӣ аҳолӣ мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти ивазкунандаи воридот дар саноати хӯрокворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаҳмидани роҳҳои рушди иқтисодиёти мамлакат дар шароити муосир муҳим мебошад.

### 3. Сатҳи асосноккунӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда

Дар раванди таҳлил аниқ гардид, ки муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодгардида тасдиқ мекунанд, ки онҳо аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ ба қадри зарурӣ асоснок карда шудаанд ва боэътимод мебошанд. Асосноксозии муқаррароти илмӣ, хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда, бо истифода кардани методологияи илмии таҳқиқот, таҳияи аниқи вазифаҳо ва далелнокии ҳалли онҳо тасдиқ карда мешавад, ки эътимоднокии натиҷаҳои илмии ба даст овардашударо таъмин мекунад.

Асосҳои назариявии диссертатсияро асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ ташкил медиҳад. Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, инчунин маводҳои конференсияҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводҳои нашрияи давлатӣ, захираҳои иттилоотии «Internet» истифода бурда шудаанд. Хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, семинарҳои илмию амалӣ баррасӣ ва эътироф шудааст. Муаллиф аз адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот хеле хуб истифода кардааст, мустақилона далелҳои оморӣ ва натиҷаҳои таҳқиқи шахсии худро дар диссертатсия коркард ва таҳлил намуда,

ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии идоракунии хавфҳои молиявӣ дар мисоли корхонаҳои саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок кардааст.

### 4. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳое илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

1.Дар заминаи пайдоиши таърихию илмӣ механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ақидаҳои назариявӣ ва баҳсҳои илмии нотамоми намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, моҳияти асосии он дар «воридот» ва «ивазкунӣ» асоснок карда шуда, дар асоси мафҳумҳои «саноатикунонӣ» ва «воридотивазкунӣ» фарзияи нави илмӣ ҳамчун бунёдкунандаи назарияи муосири механизми молиявӣ таҳия гардидааст;

2. Вобаста ба номувозинатии ҳаҷми содирот нисбат ба воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар мамлакат муайян карда шуд, ки механизми таъмини молиявии саноати хӯрокворӣ аз воситаҳои пулии буҷети давлатӣ ва фондҳои асосии корхонаҳо сарчашма гирифта, мувофиқи тавсифи истифодабариашон гурӯҳбандӣ гардида, ошкор карда шудааст, ки ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣи мамлакат бештар истифода бурда мешаванд;

3. Раванди устуворгардонии механизми таъмини молиявӣ ва омилҳои асосии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии воридотивазкунӣ муайян карда шуда, асоснок карда шудааст, ки чораҳои нави дастгириҳои давлатии молиявӣ дар самти ташкили шароити молиякунонии бизнес (бахши хусусӣ) барои стратегияи рушди молиявии соҳа ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда заминаи муҳим мегузорад;

4. Вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон бо назардошти ҷараёни татбиқшавии механизмҳои таъмини молиявӣ дар асоси истифодаи механизми молиявии гуногунаҳамият дар сохтори соҳавии саноати мамлакат муайян карда шуда, хусусиятҳои истифодаи механизми молиявии қарзӣ, субсидикунонӣ ва дигар дастгириву ташаббусу ҳавасмандиҳои молиявии давлатӣ муайян ва асоснок карда шуда, сатҳи зарурии таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати мамлакат ошкор карда шудааст;

5. Равандҳои татбиқи механизми таъмини молиявӣ дар истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ таҳлил гардида, бинобар сабабҳои дигаргуншавии унсурҳои бозорӣ, бахусус, эълон гардидани таҳримҳо ва эмбарго ба маҳсулот ё ашёи хоми саноати хӯрокворӣ дар

бозори ҷаҳонӣ, коҳишёбии ҳаҷми захираҳои асъори хориҷӣ, инчунин маҳдудияти рақибон дар бозор, зарурияти таъмини истеҳсолоти воридотивазкунӣ тавассути таҳлили қиёсии ҳаҷми истеҳсолу истеъмол, ҳиссаи маҳсулоти хӯроквории воридшаванда, ҳаҷми сармоягузориҳо ва муайянсозии тавозуни воридоту содиротии маҳсулоту ашёи хоми саноати хӯроквории ҷумҳурӣ фаъолгардонии тамоюлҳои мусбии воридотивазкунии маҳсулоти соҳа муайян карда шудааст;

6.Методикаи ҳисоби самаранокии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат асоснок ва пешниҳод гардида, бо воситаи модели иқтисодӣ-риёзии таҳиягардида алоқамандӣ ва вобастагии омилҳои асосии такмилдиҳии механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ошкор гардидааст. Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот ояндабинӣ карда шудааст, ки мувофиқи сенарияи пешниҳодгардида, то соли 2030 ҳаҷми содироти маҳсулоти хӯрокворӣ то 29, 4% ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ бошад то 63,2% зиёд мегардад. Вобаста ба ин, равиши стратегии такмили механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ҷиҳати интихоби модели мувофиқ барои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии Тоҷикистон таҳия ва асоснок карда шудааст.

### 5. Муидариҷаи диссертатсия ва тарафҳои мусбию манфии он

Диссертатсия аз феҳристи ихтисора, муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 200 саҳифаро ташкил дода, фарогири 17 ҷадвал ва 16 расм мебошад.

Дар муқаддима аҳамият ва дараҷаи таҳияи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навоварии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, тасдиқи натиҷаҳои кор, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия – **«Ҷанбаҳои назариявии механизми молиявӣ ва истеҳсоли махсулоти воридотивазкунанда дар шароити муосир»** заминаҳои пайдоиш ва аҳамияти истеҳсолоти воридотивазкунанда дар рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин манбаъҳо ва механизми молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқот қарор дода шуда, дар баробари ин нақши дастгирии молиявии давлатӣ дар татбиқи сиёсати

воридотивазкунии саноати хӯрокворин мамлакат муайян карда шудааст.(с.17-72)

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки дар чунин равиши муайянсозии мафҳуми илмӣ, ба ақидаи мо, воридотивазкунӣ дар истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ дар худ равандҳои табиие, ки дар давраҳои гуногуни татбиқ ва заминагузорӣ татбиқи сиёсати воридотивазкуниро таҷассум менамояд, пайдо мегардад. Албатта чунин тасаввурот маҳз дар давраи коҳишёбии сатҳи мувозинати пардохтпазирӣ сурат мегирад, ки дар натиҷа зарур меояд, ки ҳаҷми содирот зиёд карда шавад, ё ин ки ҳаҷми воридот кам карда шавад. Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки чунин ҷузъиёти илмию назариявии пайдоиши «воридотивазкунӣ» дар соҳаи саноат, бахусус саноати хӯрокворӣ, қисми таркибӣ ва ҳамзамон таъминкунандаи мунтазами рушди иқтисоди мамлакат мебошад. Аниқтараш, соҳаи саноат, ки ҳамчун соҳаи калидӣ ва таъминкунандаи заминаҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти мамлакат мебошад, пас дар ҳошияи саноатикунонии мамлакат, масъалаҳои "воридотивазкунӣ" ва рушди муътадили иқтисодӣ аз ҳамдигар ҷудонопазир мебошанд. (с.21)

Диссертант қайд мекунад, ки воситаҳои молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворие, ки хусусиятҳои қарзиро доро мебошанд, нишонаҳои баргардонии онҳоро дар муҳлати муайяну ҳаҷми зиёдтар дорад. Аммо дар мамлакатҳое, ки фоизи қарзи бонки нисбатан баланд аст ва динамикаи беқурбшавии асъори ватанӣ мунтазам афзоиш дорад, ин сарчашмаи боэътимод шуда наметавонад. Ҳар чӣ қадар меъёри қарзии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ зиёд бошад, ҳамон қадар зариби (коэффисенти) қарздорӣ баланд гардида, ҳамзамон сатҳи хавфи молиявии корхонаҳо низ зиёд мешавад (с.41-42)

Дар саҳифаи 53 муаллиф асоснок мекунад, ки ташаккули механизми таъмини молиявии саноати хӯрокворӣ дар баробари сарчашмаҳои молиявии интихоб гардида, таҳлили касбии мунтазами вазъи молиявии корхонаҳои саноати хӯроквориро, ҷиҳати баландбардории сатҳи самаранокии истеҳсолоту рентабелнокӣ, инчунин таъмини устувории молиявиро ҳангоми мавҷуд будани таҳдидҳои бозори молиявии ҷаҳониро тақозо менамояд

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Таҳлили инкишофи истеҳсолоти воридотивазкунанда ва механизми таъминоти молиявӣ дар саноати хӯрокворин Тоҷикистон»** таҳқиқ гардида, вазъи имрӯза ва дурнамои рушди саноати хӯрокворӣ дар Тоҷикистон тавассути усулҳои таҳлили равандҳои татбиқи механизми молиявӣ дар таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ ошкор карда шуда, инчунин

иқтидори захиравии саноати хӯрокворӣ дар заминаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда арзёбӣ карда шудааст.

Дар ин боб диссертант махсус қайд менамояд, ки яке аз сабабҳои асосии монеашавандаи афзоиши теъдоди корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакатро дар мадди аввал нокифоя будани механизми молиявӣ-қарзӣ маънидод намудан мумкин аст. Зеро маҳз афзоиши қурби асъори хориҷӣ, бахусус доллари ИМА дар солҳои таҳлилӣ зиёда аз 3 маротиба боло рафтааст, ки барои таъмини фаъолияти мунтазами истеҳсолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мушкилоти зиёд пеш овардааст. Ҳамзамон, дар асоси чунин вазъият, низоми қарзии бонкҳои ватанӣ низ маҷбур гардиданд, ки шаклҳои хизматрасониҳои бонкии худро тағйир ё маҳдуд намуда, инчунин фоизи қарзиро барои қарзгирандагон баланд бардоранд. Дар натиҷа, баъзе аз корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, ки фаъолияти истеҳсолии худро тавассути механимзми молиявии қарзӣ ба роҳ монда буданд, ба мушкилоти қарзӣ дучор гардида буданд.(с.78-79)

Чӣ тавре, ки диссертант дар ин боб таҳлил карданд, тибқи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ таносуби фондҳои асосии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат тамоюлҳои қаноатбахш надоранд. Зеро дар давоми солҳои таҳлилӣ коҳишёбии фондҳои асосии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат зиёда аз 2,5% ташкил медиҳад, ки ин натиҷаҳо иқтидори истеҳсолии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакатро таъмин карда наметавонанд. Вобаста ба таҳлилҳо муайян мегардад, ки барои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳар як намуди механизми таъмини молиявӣ дар вақту вазъи муайян зарур мегардад. Инчунин, раванди воридотивазкунии истеҳсолоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бештар меъёри зарурии маҳдудсозӣ ё роҳ надодани ҳаҷми маҳсулоти воридшавандаи барзиёдро танзим менамоянд. Барои дуруст муайян намудани чунин зарурияҳои таъмини истеҳсолоти воридотивазкунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат, таҳлили ҳаҷми истеҳсолу истеъмол, ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣи ба бозори ватанӣ воридшаванда, инчунин ҳаҷми сармоягузориҳо, муайянсозии тавозуни воридоту содиротии маҳсулот ва ашёи хоми корхонаҳои саноати хӯрокворӣи ҷумҳурӣ муҳим мебошад. (с.94-95)

Дар боби сеюми диссертатсия – **«Самтҳои афзалиятноки такмили механизми молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ»** муайян карда шуда, такмили механизми молиявии дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, инчунин равишҳои стратегии такмили механизми таъмини

молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ таҳқиқ гардидааст.

Ба назари диссертант вобаста ба шароити имрӯзаи вазъи корхонаҳои саноати хӯрокворӣи мамлакат, назарияҳои мавҷудаи умуми иқтисодӣ, натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст оварда шуда, барои арзёбии иқтисодии иқтидори захиравии соҳаи саноати хӯрокворӣ дар заминаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда таҳияи саривақтӣ ва истифодаи дурусти методикаи ҳисоби самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ зарур аст. Методикаи номбаргардида, ҷиҳати арзёбии миқдории истеҳсолоти воридотивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ вобаста ба захираҳои молиявӣ, иқтидори истеҳсолӣ ва инчунин сатҳи алоқамандиву таъсиррасонии омилҳои асосии макроиқтисодӣ истифода бурда мешавад. Методикаи аз рӯи ҳисоби самаранокии воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣи пешниҳод гардида, фарқияти (тафовути) самараи аз ҳисоби сарфакории воситаҳои молиявии (пулӣ) корхонаҳоро ҳангоми истифодабарии ҳаҷми маҳсулоти воридотивазкунанда бо назардошти ҳаҷми масрафоти маҳсулоти истеҳсолшавандаро муайян менамояд. (с.114-115)

Аз натиҷаҳои ҳосилшудаи омори регрессионӣ диссертант нишон дод, ки модели регрессия ғайрихаттӣ алоқамандии ҳаҷми содироти маҳсулоти хӯрокворӣ 47,9 млн. долл. ИМА. - ро аз истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ 22313 млн. сом. (ҳангоми арзиши асъори ватанӣ-1 доллари ИМА. баробари 1,086 сомонӣ дар соли 2022) бо сифати баланд ифода менамояд. Коэффисиентҳои баланди (ба 1 наздик) коррелятсияи маҷмӯи ва детерминатсияи маҷмуавӣ тасдиққунандаи сифати баланди модели регрессионии таҳия гардида мебошад. Ин натиҷаҳо собит менамоянд, ки барои афзоиш додани ҳаҷми содирот ва ба ҳамин васила коҳиш додани ҳаҷми воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ сараввал ба масъалаҳои баландбардории ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокаи ватанӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудани зарур аст. Гузашта аз ин, натиҷаҳои модели регрессионӣ шаҳодат медиҳанд, ки такмили механизмҳои таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда зарурияти аввалиндараҷа доранд. Маълум мегардад, ки зарурати бештари ташкилу такмили механизми молиявӣ ҷиҳати таъмини истеҳсолоти воридотивазкунанда дар саноати хӯрокворӣ бояд ба таҳияи консепсияи алоҳидаи ҳамоҳангкунандаи механизми таъмини молиявии самти истеҳсол ва содироти маҳсулоти хӯрокворӣи ватанӣ мусоидат намояд.(с.122)

Диссертант муайян намудааст, ки ҳаҷми воридотивазкунии маҳсулоти хӯрокворӣ набояд ба пуррагӣ қатъ ё ин, ки мазмуни пурра

маҳдуд намудани маҳсулоти воридотшавандаро дошта бошад, аниқтараш воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои хӯрокворӣ бояд як сатҳи муайяни лозимаро вобаста ба ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ ва иқтидору тавонманди молиявии аҳолӣ дошта бошад. Вобаста ба ин, методикаи аз рӯи ҳисоби самаранокии воридотивазкунандаи маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ пешниҳод гардида, фарқияти (тафовути) самараи аз ҳисоби сарфакории воситаҳои молиявии (пулӣ) корхонаҳоро ҳангоми истифодабарии ҳаҷми маҳсулоти воридотивазкунанда бо назардошти ҳаҷми масрафоти маҳсулоти истеҳсолшаванда муайян карда шуд.(с.126)

Дар хотимаи диссертатсия хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф доир ба такмилдиҳии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯроквории мамлакат дар шароити муосир баён карда шудаанд.

**6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти назариявии рисолаи диссертатсионӣ дар васеъгардонии ҷанбаъҳои таҳқиқи илмию назариявии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ зоҳир гардида, ҷиҳати ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ, эҷоди ҳавасмандӣ, дастгирӣ ва ташаббусҳои нави давлатӣ метавонад заминаҳои боэътимод гузорад.

Натиҷаҳои ба дастовардашудаи рисолаи диссертатсиониро дар фаъолияти амалии мақомотҳои давлатие, ки ба молиякунонӣ, инчунин таҳияву пешниҳоди дастгириҳои молиявии ба рушди соҳаи саноати хӯроквории ҷумҳурӣ равона карда шудаанд истифода намудан мумкин аст. Маводҳои таҳқиқ, методикаи муайянсозии самаранокии механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ, коррелятсияи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд аз тарафи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи онҳо дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, «Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020- 2025 мавриди истифода қарор дода шаванд. Инчунин, хулосаҳои алоҳидаи асоснок карда шудаи диссертатсияро дар раванди омодасозии кадрҳои макотиби олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои

иқтисодиёти корхонаҳо, иқтисодиёти саноат, технологияи истеҳоли хӯрокворӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари ҳалли мсъалаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои ба дастовардашуда баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Дар боби якуми диссертатсия заминаҳои пайдоиш ва аҳамияти истеҳсолоти воридотивазкунанда хеле хуб асоснок карда шудаанд. Вале оид ба кадом таҷрибаи хориҷии истифодаи механизми фарққунандаи методологии омӯзиши таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунандаи саноати хӯрокворӣ дар асоси он таҳқиқоти анҷомёфта, кам таваҷҷуҳ дода шудааст.

2. Дар боби дувум иқтидори захиравии саноати хӯрокворӣ дар заминаи рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда бо методикаи махсус арзёбӣ гардидааст. Аммо, мутаассифона, дар давоми кор натиҷаҳои таҳлилии раванди танзими давлатӣ бо дарназардошти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар асоси фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод нагардидааст.

3. Дар диссертатсия ақидаҳои олимони ватанӣ ба истеҳсолоти воридотивазкунанда истифода шудааст, аммо оид ба эътироф ё назари мунаққидонаи муаллиф нисбати онҳо кам дида мешавад.

4. Муаллиф дар асоси таҳлили ба хулосае омадааст, ки ҳаҷми воридотивазкунии маҳсулоти хӯрокворӣ набояд ба пуррагӣ қатъ, ё ин ки мазмуни пурра маҳдуд намудани маҳсулоти воридотшавандаро дошта бошад, аниқтараш воридотивазкунии маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бояд як сатҳи муайяни лозимаро вобаста ба механизми молиявии мавҷуда ва ҳаҷми истеҳсолоти ватанӣ, инчунин сатҳи пардохтпазирии истеъмолии аҳолӣ бошад. Хуб мешуд агар муаллиф дар ин радиф пешниҳодҳои мушаххаси илмиро асоснок менамуд, он гоҳ натиҷаҳои таҳқиқот боз ҳам бойтар мешуданд.

5. Ба ақидаи муаллиф, механизми таъмини молиявии истеҳсолоти воридотивазкунӣ дар саноати хӯрокворӣ ин шакли сиёсати ягонае мебошад, ки ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми зарурӣ ва дар як низоми муайяни муносибатҳои иқтисодии амалкунанда буда, ба падидаҳои ғайричашмдошти бозорӣ тобоваранда мебошад. Аммо, дар диссертатсия баҳисобгирии хавфҳои молиявӣ ҳангоми таъмини молиявии воридотивазкунии истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ, ки муносибати комплексиро талаб мекунад, гузаронида нашудааст.

6. Маълумотҳои оморие, ки: дар расми 1.4. (саҳ.66) солҳои 2018-2022, дар расми 2.2. солҳои 2017-2022, ҷадвали 2.1. (саҳ. 79) соҳои 2017-2022, ҷадвали 2.6. (саҳ.100) соли 2022, ҷадвали 2.8. (саҳ.103) соли 2022, расми 2.5. (саҳ.104) соли 2022, ҷадвали 2.9. (саҳ.106) солҳои 2021-2022, ҷадвали 2.10. (саҳ.108) соли 2022 оварда шуда хуб мешуд, ки бо

маълумотҳои солҳои 2023 ва 2024 низ илова мегардидаанд. Инчунин дар кор баъзе ҷумлаҳои таҳрирталаб ва хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

Ба андешаи мо, эродҳои дар боло зикр шуда хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро коста намекунад.

**8. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия**

Диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, натиҷаҳои ба даст овардашуда дар худ инъикос мекунад, ки ба ҳалли муаммоҳои таъминоти молиявии истеҳсолоти воридивазкунанда дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мусоидат менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии онро ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридивазкунандаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ тараққӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дар мавзуи "Такмили механизми таъминоти молиявии истеҳсолоти воридотивазкунанда дар шароити муосир (дар мисоли корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон)" кори анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Қурбонзода Абдулло Абдуҷалол дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607-Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дода шавад.

**Муқаррizи расмӣ:**

Номзади илмҳои иқтисодии кафедраи фаъолияти гумрукӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Амиров М.С.

"Имзои М.С. Амиров-ро тасдиқ мекунам"
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон — Ҷураев Ш.Н.

*Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш.Душанбе, ДБССТ, х.Борбад 48/5,*
*Тел: 785027575, E-mail: Amirov83.83@mail.ru*